## Ҳайати раёсати ҶСП ТАҚХ «Ҳумо»

**Маюнусов Фирдавс — Директори Генералӣ**

Соли 1998 Донишкадаи тиҷоратии Тоҷикистонро дар шаҳри Душанбе бо ихтисоси иқтисод ва молия хатм намуда, ҳамон сол ба ҳайси муҳосиби калони ҶСК «Текстил» кор кардааст. Офисери молиявӣ ва Мутахассис оид ба мониторинг дар CARE Tajikistan кор ва фаъолият кардааст. Соли 2019 дараҷаи магистри идоракунии соҳибкорӣ (MBA) аз Донишгоҳи Steinbeis Berlin SHB -ро дастрас кардааст. Дар давоми фаъолияти корӣ дар ТАҚХ «Ҳумо» дар вазифаҳои Директори молиявӣ, Директори рушди тиҷорат, Директори рушди бонкинги агентӣ кор кардааст. Аз соли 2021 Директори Генералии ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» мебошад. Таҷрибаи корӣ дар соҳаи молия, маблағгузории хурд ва менеҷмент зиёда аз 20 солро ташкил медихад.

**Федоров Алексей — Директори Департаменти назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо**

Соли 2002 факултети менеҷментро хатм карда, фаъолияти худро дар соҳаи маблағгузории хурд ба ҳайси ёрдамчии аудитори дохилӣ дар лоиҳаи ЕБРР TAJIKSTAN MICRO & SMALL ENTERPRISE FINANCE FACILITY (TMSEFF) оғоз кардааст.

Дар соҳаҳои аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ, идоракунии хавфҳо ва назорати комплаенс таҷрибаи бой дорад. Дар давраҳои гуногуни фаъолияти меҳнатиаш дар вазифаҳои роҳбари Хадамоти аудити дохилӣ, Сардори Хадамоти идоракунии хавфҳо ва комплаенс дар муассисаҳои молиявӣ ва соҳаи телекоммуникатсия кор кардааст. Таҷрибаи умумӣ дар соҳаи маблағгузории хурд ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд зиёда аз 15 сол дорад.

**Маҳмудов Қудратулло – Директори Департаменти рушди минтақавӣ ва фурӯши маҳсулотҳо**

Соли 2001 факултаи иқтисодро хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро дар ташкилоти байналмилалии CARE international дар соҳаи маблағгузории хурд ба ҳайси мутахассиси қарзӣ оғоз кардааст. Аз соли 2005 то имрӯз дар ТАҚХ «Ҳумо» кор мекунад.

Дар соҳаи маблағгузории хурд, қарздиҳӣ, идоракунии шабакаҳои филиалҳо, идоракунии фаъолият дар вақти бӯҳронҳо, ҷалб ва омодасозии кадрҳои менеҷменти миёна таҷрибаи ғанӣ дорад. Ҳангоми кор дар ТАҚХ «Ҳумо» дар вазифаҳои Сардори Раёсати иттилоотӣ, Директори филиал, Директори минтақавӣ, Менеҷери амалиётӣ ва Директори Департаменти рушди минтақавӣ ва фурӯши маҳсулотҳо кор кардааст. Айни замон фронт офиси ТАҚХ «Ҳумо»-ро роҳбарӣ мекунад. Таҷрибаи умумӣ дар соҳаи маблағгузории хурд ва менеҷмент зиёда аз 20 сол дорад.

**Нуралиев Алишер – Директори Департаменти рушди маҳсулотҳо**

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо тахассуси "Иқтисоди байналмилалӣ" хатм намудааст, дар Академияи бонкии Олмон аз курсҳои омӯзишӣ гузаштааст.

Дар соҳаи маблағгузории хурд дар самтҳои қарздиҳӣ ва амонатҳо, бонкдории исломӣ таҷрибаи кории калон дорад. Дар давраи фаъолияти меҳнатӣ дар ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" вазифаҳои ҳамоҳангсози қарзӣ, директори филиал, менеҷери қарзии ташкилот, директори раёсати маҳсулотҳои бонкӣ ишғол намудааст. Айни ҳол Департаменти рушди маҳсулотҳоро роҳбарӣ менамояд. Таҷрибаи умумии корӣ дар соҳаи қарздиҳии хурд зиёда аз 20 сол мебошад.

**Маҳмадқулов Зафар – Директори Департаменти дастгирии тиҷорат**

Соли 1996 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемурро бо тахассуси Иқтисодчӣ-ташкилотчии истеҳсолоти кишоварзӣ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1997 ба ҳайси муҳосиб дар Иттифоқи Тоҷикматлуботи шаҳри Душанбе оғоз намудааст. Дар давраи аз соли 1998 то соли 2012, бо ишғоли вазифаҳои иқтисодчӣ ва сардори шӯъбаи муҳосиботи муассисаву ташкилотҳо, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият намудааст. Фаъолияти касбиашро дар соҳаи молиявӣ соли 2012 аз вазифаи муовини сармуҳосиби ҶДММ ТҚХ «Хумо ва партнерҳо» оғоз намудааст. Дар давраи аз моҳи июли соли 2014 то моҳи марти соли 2021 сармуҳосиби ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" буд. Аз моҳи марти соли 2021 то ба имрӯз Департаменти дастгирии тиҷоратро роҳбарӣ намуда, масъулини яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ширкат мебошад.